## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ.**

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур ба яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои педагогӣ ва методикаи забони тоҷикӣ бахшида шуда, ба омӯзиши роҳҳои самараноки ташаккули арзишҳои ахлоқию башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** аз талаботи замони муосир, мувофиқат намуда, яке аз вазифаҳои муҳими низоми маориф тарбияи ахлоқию маънавии насли наврасро дар бар мегирад. Махсусан дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, ки пояҳои асосии рушди маънавию ахлоқии шахсият гузошта мешаванд, истифодаи воситаҳои муассири таълимӣ ва тарбиявӣ, аз ҷумла, адабиёти бачагона дар омӯзиши забони тоҷикӣ нақши калидӣ мебозад. Дар чунин шароит истифодаи усулҳои гуногуни дидактикӣ ва технологияҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, кор дар гурӯҳҳо, кор бо усули “Кластер” ҳамчун воситаи муассири рушди фаъолияти маърифатӣ, эҷодӣ ва зеҳнии хонандагон аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, аз муқаддима, се боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Тартиби ҷойгиршавии қисматҳои таҳқиқот ба ҳалли пайдарпайи масъалаҳои гузошташуда мусоидат намуда, аз сатҳи баланди фарҳанги илмӣ, дониши назариявӣ ва маҳорати таҳқиқотии муаллиф шаҳодат медиҳад.

**Сохтор ва мундаричаи рисола**

**Муқаддима** аҳаммият ва мубрамии мавзӯи таҳқикотро асосонок намуда, дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти илмӣ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян месозад.

Ҳамчунин, дар он асосҳои назариявию методологӣ, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони тоҷикӣ"** заминаҳои назариявии масъала мавриди таҳлил қарор гирифта, моҳият ва нақши арзишҳои ахлоқию башардӯстӣ дар ташаккули шахсияти хонандагон равшан гардидааст. Муаллиф бо такя ба осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавқеи илмии худро асоснок намуда, ҷанбаҳои муҳими масъалаи таҳқиқишавандаро баррасӣ кардааст.

**Дар боби дуюм "Хусусиятҳои методии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ** масъалаҳои марбут ба роҳҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои педагогии ташаккули арзишҳои ахлоқию башардӯстӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар боб имкониятҳои таълимию тарбиявии адабиёти бачагона дар ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон муайян гардида, роҳҳои самаранокии истифодаи он дар дарсҳои забони тоҷикӣ пешниҳод шудаанд.

**Дар боби сеюм "Натиҷаҳои озмоиши ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ"** ҷараён ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ таҳлил гардида, самаранокии усулҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз муассир будани методикаи таҳияшуда ва имкони татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳия ва асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методии истифодаи усулҳои гуногуни дидактикӣ дар омӯзиши

забони тоҷикӣ, муайян намудани шароитҳои педагогии татбиқи онҳо ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ифода меёбад.

**Аҳаммияти назариявии** диссертатсия дар такмили асосҳои назариявии таълими забони тоҷикӣ, ғанӣ гардонидани донишҳои илмӣ оид ба татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ ва муайян намудани нақши адабиёти бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқию башардӯстии хонандагон ифода меёбад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии он дар фаъолияти омӯзгорон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва такмили раванди таълиму тарбия зоҳир мегардад.

Қобили таъкид аст, ки Мансурзода Наргиса Мансур дар ҷараёни анҷоми таҳқиқоти мазкур худро ҳамчун муҳаққиқи соҳибтаҷриба, масъулиятшинос, меҳнатдӯст ва дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ муаррифӣ намудааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф нисбат ба интихоби мавзуъ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ, ташкилу баргузории озмоишҳои педагогӣ ва коркарду ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот бо масъулияти баланд муносибат намудааст. Фарогирии масъалаҳои назариявию амалӣ, мантиқияти сохтори таҳқиқот, асоснокии хулосаҳо ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада аз сатҳи баланди омодагии илмӣ ва маҳорати таҳқиқотии муалиф шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои асосии кори илмии Мансурзода Наргиса Мансур дар хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия инъикоси худро ёфта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, бо маълумоти боэътимоди назариявию методӣ ва натиҷаҳои таҷрибавӣ тасдиқ гардидаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муалиф, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инчунин дар маърузаҳо ва конфренсияҳо, семинарҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2021 таҳти № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати диссертатсияҳо (Қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 ) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Мансурова Ҷ.С.

Имзои Ҷ.С. Мансуроваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ

12.12.2025с.

**Маълумот барои тамос**:
*Суроға.734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгори*
*Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*E-mail: jamila 1981@mail.ru*
*Телефон:(+992) 203 21 82 82*